**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 29.04.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **Шамсов Нурмад Сироҷович** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муқарризони ғайрирасмӣ – профессоррон **Аламхон Кӯчарзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Умархоҷа Сафаров** ва **Бадриддин Мақсудовро** шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Одинаева Гулбону Мадалиевна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Одинаева Гулбону Мадалиевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Одинаева Гулбону Мадалиевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, доктори
илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ. Ҷ.